# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи “Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. –Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин ба таҳқиқи таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар солҳои 1992-2000 бахшида шудааст, ки ин раванд дар таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим доранд. Дар охири садаи XX ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ барои миллати тоҷик як давраи ҳассос буд, ки хавфи аз харитаи сиёсӣ нопадид шудани Тоҷикистон ба миён омада буд. Дар натиҷаи раванди сулҳ ва ташкили гуфтушуниди ҷонибҳо сулҳу субот, оромӣ ва ваҳдати миллӣ дар кишвар таъмин гардид, ки ин дар таърихи башарият ҳамчун як таҷрибаи беназир сабт гардидааст. Бо назардошти ин андешаҳо масъалаи мазкур бояд ба таври васеътару амиқтар дар доираи рисолаи илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шавад.

Аз бисёр ҷиҳатҳо мавзуи мазкур дар илми таърих муҳиммият дорад, ки муаллиф бархеи онҳоро дар диссертатсия нишон додааст. Аввал ин ки рисолаи мазкур нахустин кори илмӣ аст, ки дар самти таърихнигории таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон анҷом дода шудааст ва баъдан адабиёти ҷойдоштаи илмии ба омӯзишу таҳқиқи ин падидаҳои таърихӣ бахшидашуда аз нигоҳи илми таърихнигорӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, раванди гуфтушуниди миёни гурӯҳҳои мухолиф низ аз нигоҳи таърихнигории ватанӣ таҳқиқ карда шудааст.

Ҳадафу мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмуии таърихнигории ҷанги шаҳравандии Тоҷикистон (солҳои 1992-1997) ва ба даст даровардани сулҳу ваҳдати миллӣ (солҳи 1997-2000) муайян карда шудааст. Осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар маҷмуъ ба сифати

объекти таҳқиқот муайян гардидаанд. Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро маҷмӯи усулҳо ташкил медиҳанд, ки дар байни онҳо усулҳои таърихӣ, ба амсоли таърихияти илмй, муқоисавӣ-таърихӣ, масъалагузорй-солномавй, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ-таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 346 номгӯй) иборат буда, 195 саҳифаи матни компютериро фарогир аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрам будани масъалаи таҳқиқшаванда асоснок гардида, асосҳои назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, методологӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст. Дар ин радиф тавсиби натиҷаҳои масъалаи таҳқиқшаванда ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия - “ **Раванди муборизаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон (охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX)**” ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали он роҷеъ ба раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон, заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси он дар таърихнигорӣ таҳлил гардидааст. Зербоби дуюми ин бобю ба масъалаи заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ бахшида мешвад.

Боби дуюми диссертатсия “**Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ**” ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми он масъалаи инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва дар зербоби дуюм инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории муҳаққиқони хориҷӣ баррасӣ шудааст, ки ин арзиши кори илмиро дучанд маротиба зиёд мегардонад.

Боби сеюми диссертатсия - **“Таҷассуми масоили истиқрори сулҳу ваҳдат ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони**

**ватанӣ ва хориҷӣ”** номгузорӣ шуда, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Зербобҳо мувофиқи нақшаи корӣ ба масъалаҳои омӯзиши раванди истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар асарҳои илмии таърихнигорони ватанию хориҷӣ, фаъолияти худи Комиссияи оштии миллӣ ва инъикоси масоили истиқлолият, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдат дар осори Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудаанд. Диссертант Асомиддини Абдулмумин дар хатми ҳар як зерфасл хулосаҳои дақиқ баровардааст ва пешниҳодҳои ҷолибро барои минбаъд омӯхтани масъалаҳои баррасишуда, баён намудааст.

Дар таҳқиқи масъалаҳои баррасишуда, муаллиф аз усулҳои гуногуни таҳқиқот истифода намудааст, ки ба дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили таърихнигории маводди мавҷуда имкон медиҳанд. Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд.

Дар таҳқиқи диссертатсия Асомиддини Абдулмумин аз маводи фаровони илмӣ истифода намудааст. Андеша ва ақидаҳои муаллиф бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок гардидаанд ва аз ҳама муҳим диссертант бо муҳаққиқони пешин, ки роҷеъ ба таърих ва таърихнигорӣ асару мақолаҳо навиштаанд, баҳси илмӣ намудааст ва баъзе ақидаҳои онҳоро қабул ва чанде аз онҳоро рад намудааст.

Яке аз вижагиҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионии Асомиддини Абдулмумин дар он аст, ки муаллифи он пайвата аз асару мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ ба таври зарурӣ истифода намудааст ва барои тақвияти фикру андешаҳои худ аз маводи мухталиф васеъ истифода намудааст.

Хулоса, кори диссертатсионии Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи **“Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992- 2000)”** кори илмии анҷомёфта буда, фарогири навгониҳои зиёди илмӣ аст.

Диссертатсия ба талабот оид ба тахияи рисолаи илмӣ мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.1. -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Муқарриз:** сарходими илмии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, и.в. профессор Б. П. Ализода

Имзои Б. Ализодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п. А.Н. Насурдинзода

«15» 05 с.2026